29 12 2018



**- Барои ман мояи ифтихор аст, ки бо чунин шахсияти таърихӣ муддатхо пахлу ба пахлу кору фаъолият кардаам. Дар замоне ки як хиссаи шахрвандони мо дар хоричи кишвар буданд ва дили модари точик барои фарзандон гум мезад, ӯ худро норохат хис мекард. Ӯ бо чунин суханони таскинбахш фирориёнро барои ба Ватан баргаштан ташвик мекард: "Хамдиёрони азиз, ба Ватан баргардед! Ба шумо кӯхи тилло ваъда намедихам, аммо як пора ноне, ки дорем, бо хам мехӯрем".**

Ин харфхои самимиро, ки ба калами Шукурчон Зухуров, Раиси Мачлиси намояндагони Мачлиси Олии мамлакат, мансубанд, дар китоби рӯимизии «Эмомалӣ Рахмон - Пешвои миллат» мехонем, ки шахсияти тобноки Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмонро тасвир месозанд.

Вокеан, зухури шахсияти Эмомалӣ Рахмон дар сахнаи сиёсӣ икболи баланди мардуми точик буд, ки дар як даврони пурошӯб иттифок афтода, давлати миллиро аз хатари нобудӣ начот бахшид. Ин шахсияти баркамолу тобноки таърих иттиходу хамбастагиро истехком бахшид, хувият ва вахдати миллиро эхё кард, ифтихори миллиро дар замири мардум бедор намуд, халкро ба созандагӣ рахнамун сохт, саодати зиндагии хар хонадонро таъмин ва Точикистони сохибистиклолро ба чахон муаррифӣ кард.

Ин буд, ки Президенти вакти Фаронса Жак Ширак мисли дигар сиёсатмадорони бонуфузи чахонӣ бо таваччух ба шахсияти Эмомалӣ Рахмон гуфта буд: «Мардуми Фаронса хеч гох мавкеи устувори Президенти Точикистонро, ки бо фарханги ганӣ ва бузурги сиёсиву маънавии халки точик такя мекунад, фаромӯш нахохад кард».

Мархум профессор Атахон Сайфуллоев бар ин назар буд: «Як вижагии мухими даврони Истиклолияти миллии Точикистон аз хамин иборат аст, ки илму дониш, адабиёту

фарханг чомеаи озодро бехтару бештар фаро мегирад. Асосгузори сулху вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон на танхо ба созандагию ободонии мамлакат машгул аст, балки дар чодаи ганӣ сохтани олами маънавӣ низ пайваста саъю талош мекунанд. Чаноби Олӣ, ки фархангро хастии миллат номидаанд, тамоми донишу тачрибаи фаровони худро ба харч медиханд, ки кишвари азизамонро ба пояхои баланди тараккиёти моддию маънавӣ расонанд, точиконро ба яке аз пешкадамтарин миллатхои чахони мутамаддин мубаддал намоянд».

Дар хакикат, хидматхои шоёну мондагори Сарвари давлат дар бедории тафаккури миллӣ, мактабу маориф басо арзанда ва чашмрасанд. Барои ташаккулу тарбияи тафаккури миллӣ дар чомеа омилхои зиёд мавчуд аст. Аммо хеч кадоми онхо ба мактабу маориф баробар шуда наметавонад. Бухрони сиёсӣ, иктисодӣ ва маънавӣ, ки дар ибтидои Истиклолияти давлатӣ кишвари моро фаро гирифт, дар баробари дигар рукнхои давлатдорӣ ба низоми маориф хам зарба зад. Баробари ба коми оташ рафтани даххо иншооту хазорхо манзили зист бинои мактабхо низ месӯхтанд, муаллимон тарки пешаи худ мекарданд. Ана, дар хамин давраи басо мушкил Сарвари давлат маорифро сохаи афзалиятнок эълон дошта, ба ислохоти соха таваччух карданд. Бо пешниход ва дастгирии бевоситаи Президенти махбуби кишвар конунхои Чумхурии Точикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», консепсияхои мактаби миллӣ, тарбия, тахсилот, муассисахои томактабӣ, муассисахои олӣ ва миёнаи касбӣ дар Чумхурии Точикистон, Барномаи давлатии такмили таълими забони русӣ ва англисӣ рӯи кор омаданд. Дар асос ва мохияти ин хуччатхо хадафе гузошта шудааст, ки аз таъкиди зерини Сарвари давлатамон бармеояд: «Хадафи мухими низоми маориф тарбияти шахсияти фаъол ва созанда аст. Аз ин рӯ, масъалахои дар зехну шуури хонандагон ва чавонон тарбия кардани эхсоси худогохии миллӣ, худшиносии таърихӣ, истифодаи анъанахои бехтарини маорифи миллӣ ва умумибашарӣ, арзишхои фархангию ахлокӣ ва тарзи идораи демократӣ, ки то имрӯз барои ноил шудан ба дастовардхои илму техника ва фарханг мусоидат намудаанд, тахти таваччухи давлат карор доранд».

Холо барои вусъати сохаи маориф дар мамлакат барномахои гуногун амал мекунанд. Аз хама мухим он аст, ки сохтмони бинои нави муассисахои тахсилоти миёнаи умумӣ сол ба сол вусъати нав касб менамоянд ва хамасола то 100 бинои нав сохта, мавриди истифода карор дода мешавад.

**Убайдулло РАХИМОВ,**
**ходими калони илмии**
**Академияи тахсилоти Точикистон**